**Тасдиқ карда шуд:**

Бо Қарори Анҷумани Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз « 19 » сентябри 2015 сол.

**Ба қайд гирифта шуд:**

Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон №АИ0001 аз 11.12.2015 сол.

# О И Н Н О М А И ИТТИФОҚИ АДВОКАТҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДУШАНБЕ – 2015**

## 1. Қоидаҳои умумӣ

1. Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Иттифоқи адвокатҳо), ташкилоти ягонаи мустақили касбии ғайридавлатӣ ва ғайритиҷоратӣ, ки ба аъзогии ҳатмии адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтааст.

2. Иттифоқи адвокатҳо фаъолияти худро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур амалӣ намуда, принсипҳои зеринро ба роҳбарӣ мегирад: қонуният; мустақил будани адвокатҳо ва фаъолияти адвокатӣ; таъмини сифати ёрии ҳуқуқӣ; баробарҳуқуқии адвокатҳо; дахолат накардан ба фаъолияти адвокатӣ; ҳатмӣ будани узвияти адвокат дар Иттифоқи адвокатҳо; аз ҷониби адвокат эҳтиром ва ҳифз намудани ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои ваколатдиҳанда.

3. Бо мақсади таъмини фаъолияти худ Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шӯъбаи табъу нашри Иттифоқ ва Маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии адвокатҳоро ташкил медиҳад.

4. Иттифоқи адвокатҳо шахси ҳуқуқӣ буда, тавозуни мустақил дорад, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бонк суратҳисоб ва ҳисобҳои дигар дошта метавонад, инчунин дорои мӯҳр, тамға ва бланк бо ном ва суроғаи худ мебошад.

5. Номи ҳуқуқии Иттифоқи адвокатҳо:

Ба забони тоҷикӣ - Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
Ба забони русӣ - Союз адвокатов Республики Таджикистан
Ба забони англисӣ - Union of Advocates of Republic of Tajikistan

6. Суроғаи ҳуқуқии Иттифоқи адвокатҳо - шаҳри Душанбе кучаи Н.Қарабоев б.10 ҳ.2 мебошад.

## 2. Мақсад ва вазифаҳои Иттифоқи адвокатҳо

7. Мақсади Иттифоқи адвокатҳо расонидани ёрии ҳуқукии тахасусӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии онҳо, инчунин таъмин намудани дастрасӣ ба адолати судӣ ва гузаронидани ислоҳоти адвокатура мебошад.

8. Вазифаҳои Иттифоқи адвокатҳо аз инҳо иборат мебошанд:

- таъмини ёрии баландихтисоси ҳуқуқӣ, дастрас будани он барои аҳолӣ

дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ташкили ёрии ҳуқуқии ройгон ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муайян намудани тартиби таъмини расонидани ёрии ҳуқуқиро аз ҷониби адвокатҳо, ки дар асоси қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ё таъиноти суд ба сифати ҳимоятгар дар

парвандаҳои ҷиноятӣ иштирок менамоянд;

- намояндагӣ ва ҳимояи манфиатҳои адвокатҳо дар мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликияташон;
- назорати тайёрии касбии адвокатҳо, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси адвокатҳо ва аз ҷониби онҳо риоя гардидани Кодекси одоби касбии адвокатҳо;

## - . Тартиби ташкилёбии Иттифоқи адвокатҳо

9. Иттифоқи адвокатҳо аз ҷониби Анҷумани адвокатҳо ташкил карда мешавад.

10. Азнавташкилдиҳии Иттифоқи адвокатҳо мумкин нест. Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо як Иттифоқи адвокатҳо таъсис ёфта, ҳуқуқ дорад, ки воҳидҳои сохтории минтақавии худро дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ташкил намояд. Ба ташкил кардани дигар сохторҳои байниминтақавӣ ва байниҳудудӣ роҳ дода намешавад.

11. Қарорҳои мақомоти Иттифоқи адвокатҳо, ки дар доираи ваколати онҳо қабул гардидаанд, барои мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо ва ҳамаи адвокатҳо ҳатмӣ мебошад.

## 4. Мақомоти Иттифоқи адвокатҳо

12. Мақомоти роҳбарикунандаи Иттифоқи адвокатҳо иборат аст аз:

- Анҷумани адвокатҳо - Мақоми олӣ;
- Раёсати Иттифоқи адвокатҳо - мақомоти иҷроия;
- Комиссияи ревизионӣ - мақомоти назоратию тафтишотӣ;
- Комиссияи интизомӣ - мақомоти назоратию тафтишотӣ;
- Мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо – воҳиди сохтории Иттифоқи адвокатҳо дар минтақаҳо.

13. Мақоми олии Иттифоқи адвокатҳо Анҷумани адвокатҳо мебошад. Анҷумани навбатии адвокатҳо дар ду сол як маротиба даъват карда мешавад. Анҷумани адвокатҳо дар мавриде салоҳиятнок ҳисобида мешавад, ки дар кори он, на камтар аз се ду ҳиссаи вакилони ба Анҷумани адвокатҳо интихоб гардида, иштирок дошта бошанд. Дар сурати зарурат бо пешниҳоди, аз се ду ҳиссаи аъзоёни Раёсати Иттифоқи адвокатҳо ва бо ташаббуси яке аз мақомотҳои минтақавии Иттифоқи адвокатҳо, тибқи Қарори Раёсати Иттифоқи адвокатҳо, Анҷумани ғайринавбатии адвокатҳо, даъват карда мешавад.

14. Анҷумани адвокатҳо ваколати истисноии зеринро дорад:

- Оинномаи Иттифоқи адвокатҳоро қабул ва ба он тағйиру иловаҳо ворид менамояд;
- Кодекси одоби касбии адвокатҳоро қабул ва ба он тағйиру иловаҳо ворид менамояд;
- аъзои Раёсати Иттифоқи адвокатҳо ва раиси Раёсати Иттифоқи адвокатҳоро ба мӯҳлати чор сол интихоб менамояд, инчунин оид ба пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколатҳои аъзо ва раиси Раёсати Иттифоқи адвокатҳо қарор қабул менамояд;
- андоза ва тартиби пардохти ҳаққи аъзогии адвокатҳоро муайян менамояд;
- андозаи маблағи дохилшави ба аъзогии иттифоқи адвокатҳоро муайян менамояд;
- тартиб ва андозаи пардохти мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳоро барои таъмини Иттифоқи адвокатҳо муайян менамояд;
- сметаи хароҷотро барои таъмини фаъолияти Иттифоқи адвокатҳо тасдиқ менамояд;
- андозаи музди меҳнати раис ва муовини раиси Иттифоқи адвокатҳо ва роҳбарони мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳоро дар доираи сметаи хароҷоте, ки барои таъмини фаъолияти Иттифоқи адвокатҳо тасдиқ шудааст, муайян мекунад;
- ҳисоботи Раёсати Иттифоқи адвокатҳо, аз ҷумла оид ба иҷрои сметаи хароҷот барои таъмини фаъолияти Иттифоқи адвокатҳоро тасдиқ менамояд;
- аъзои Комиссияи ревизионии Иттифоқи адвокатҳоро ба мӯҳлати ду сол интихоб намуда, ҳисоботи онро доир ба натиҷаи фаъолияти хоҷагию молиявии Иттифоқи адвокатҳо тасдиқ менамояд;
- намояндагонро аз Иттифоқи адвокатҳо дар ҳайати 5 нафар ба мӯҳлати ду сол ба Комиссиси тахассусии Вазорати адлияи ҶТ, интихоб менамояд;

- аъзои Комиссияи интизомии Иттифоқи адвокатҳо ва раиси онро интихоб мекунад;
- Низомномаи Комиссияи ревизионииИттифоқи адвокатҳоро тасдиқ менамояд;
- Низомномаи Комиссияи интизомии Иттифоқи адвокатҳоро тасдиқ менамояд;
- Низомномаи мақомоти минтақавииИттифоқи адвокатҳоро тасдиқ менамояд;
- дастури Анҷумани адвокатҳоро тасдиқ менамояд;
- маҳалли ҷойгиршавии Раёсати Иттифоқи адвокатҳоро муайян менамояд;
- ҷадвали воҳидҳои кории дастгоҳи Иттифоқи адвокатҳоро тасдиқ менамояд;
- мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳоро таъсис медиҳад;
- тамоми масъалаҳои марбутаро оиди ташаккули фаъолияти кории Иттифоқ қабул менамояд;
- дар сурати мухолиф будани қарорҳои қабулнамудаи Раёсати Иттифоқи адвокатҳо ба оинномаи Иттифоқи адвокатҳо ба он тағйирот ворид менамояд;
- дигар ваколатҳоеро, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф нест амалӣ менамояд.

15. Раёсати Иттифоқи адвокатҳо мақоми дастаҷамъонаи иҷроияи доимоамалкунандаи Иттифоқи адвокатҳо дар байни анҷуманҳои адвокатҳо мебошад.

16. Раёсати Иттифоқи адвокатҳо аз ҷониби Анҷумани адвокатҳо бо роҳи овоздиҳии пинҳонӣ бо теъдоди 9 нафар аз ҳайати аъзои Иттифоқи адвокатҳо ба мӯҳлати чор сол интихоб карда мешавад.

17. Ба салоҳияти истисноии Раёсати Иттифоқи адвокатҳо ваколатҳои зерин дохил мешаванд:

- аз ҳайати худ муовини раиси Раёсати Иттифоқи адвокатҳоро ба мӯҳлати чор сол интихоб менамояд;
- шумораи дар Анҷумани адвокатҳо иштирок доштани вакилон, инчунин тартиби интихоби онҳоро муайян менамояд;
- дастрасии ёрии ҳуқуқиро дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ёрии ҳуқуқии ба шаҳрвандон ба тариқи ройгон расонидашавандаро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд;

- бо пешниҳоди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ё бо ташаббуси худ оид ба таъсис додани бюрои адвокатӣ дар маҳалҳо қарор қабул менамояд;
- тартиби таъмини расонидани ёрии ҳуқуқиро аз ҷониби адвокатҳо, ки дар асоси қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ё таъиноти суд ба сифати ҳимоятгар дар парвандаҳои ҷиноятӣ иштирок менамоянд, муайян мекунад.

  Ин тартибро ба маълумоти мақомоти мазкур ва адвокатҳо мерасонад, инчунин аз тарафи адвокатҳо иҷро шудани ин тартибро назорат мебарад;
- тартиби қабули коромӯз- адвокатро муайян менамояд;
- низомнома, дар бораи ёрдамчии авдокатро тасдиқ менамояд;
- барои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси адвокатҳо мусоидат мекунад, ҳамчунин тартиби ягонаи такмили ихтисоси адвокатҳо ва омӯзонидани коромӯз-адвокатҳоро таҳия ва тасдиқ менамояд;
- масъалаҳои боздоштан ва барқарор намудани мақоми адвокатро ҳал менамояд;
- ҳуқуқҳои иҷтимои ва касбии адвокатҳоро ҳифз менамояд;
- барои таъмин намудани ташкилоти адвокатӣ бо биноҳои (ҳуҷраҳои) корӣ мусоидат менамояд;
- таъминоти иттилоотии адвокатҳо, инчунин мубодилаи таҷрибаи касбии адвокатҳоро байни худ ташкил менамояд;
- фаъолияти методиро амалӣ месозад;
- маркази такмили ихтисоси адвокатҳоро таъсис дода низомномаи онро тасдиқ менамояд;
- бо пешниҳоди шӯрои мақомоти минтақавии иттифоқи адвокатҳо филиалҳои маркази такмили ихтисоси адвокатҳоро таъсис медиҳад;
- пешниҳоди Маҷлиси умумии мақомоти минтақавиро

  оиди интихоби Раиси Шӯрои мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо тасдиқ менамояд;
- анҷумани навбатӣ ва ғайринавбатии адвокатҳоро даъват менамояд, рӯзномаи пешакии онҳоро омода месозад;
- молу мулки Иттифоқи адвокатҳоро тибқи сметаи хароҷот ва таъинот ихтиёрдорӣ менамояд;
- дастури Раёсати Иттифоқи адвокатҳоро тасдиқ менамояд;
- баҳисобгирии ташкилотҳои адвокатиро амалӣ менамояд;
- фаъолияти мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳоро ҳамоҳанг месозад;

- ҳисоботи ҳарсолаи мақомотҳои минтақавии иттифоқи адвкатҳоро мешунавад;
- ҳангоми гузаронидани экспертиза ва муҳокимаи пешакии лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иштирок менамояд;
- ба Комиссияи тахассусӣ оид ба қатъ намудани мақоми адвокат пешниҳод ирсол менамояд;
- Раёсати Иттифоқи адвокатҳо ба мақсади иҷро намудани вазифаҳои оинномавӣ дар муносибатҳои беруна бо дигар шахсон, шахсони ҳуқуқӣ, мақомоти давлатӣ ва субъектҳои хориҷӣ, тамоми адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро, намояндагӣ менамояд.
- дигар ваколатҳоеро, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» инчунин Оинномаи мазкур пешбинӣ намудаанд, амалӣ менамояд.

18. Дар сурати аз ҷониби Раёсати Иттифоқи адвокатҳо иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро кардани муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ», ваколатҳои он метавонад пеш аз мӯҳлат дар Анҷумани адвокатҳо қатъ карда шавад.

19. Маҷлисҳои Раёсати Иттифоқи адвокатҳо аз ҷониби раиси Раёсат аз рӯи зарурат, вале на камтар аз як маротиба дар се моҳ даъват карда мешаванд. Маҷлис дар мавриди иштироки на камтар аз се ду ҳиссаи аъзои Раёсати Иттифоқи адвокатҳо салоҳиятнок ҳисобида мешавад. Қарори Раёсат бо тарафдории аксарияти шумораи умумии аъзои Раёсати Иттифоқи адвокатҳо, ки дар маҷлиси он иштирок менамоянд, қабул карда мешавад ва иҷрои он барои ҳамаи аъзои Иттифоқи адвокатҳо ҳатмӣ мебошад.

20. Раиси Раёсати Иттифоқи адвокатҳо дар як вақт Раиси Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Раиси Раёсати Иттифоқи адвокатҳо ва муовини ӯ наметавонанд зиёда аз ду мӯҳлат пай дар пай ба вазифа интихоб шаванд.

21. Раиси Раёсати Иттифоқи адвокатҳо дорои ваколатҳои зерин мебошад:

- дар муносибат бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликияташон, Иттифоқи адвокатҳоро муаррифӣ намуда, аз номи Иттифоқи адвокатҳо бе ваколатнома амал менамояд;
- ваколатномаҳо медиҳад;

- аз номи Иттифоқи адвокатҳо созишномаҳо мебандад;
- бо қарори Раёсати Иттифоқи адвокатҳо тибқи смета ва таъиноти молу мулк онро ихтиёрдорӣ менамояд;
- кормандони дастгоҳи Иттифоқи адвокатҳоро ба кор қабул ва аз кор озод менамояд;
- маҷлиси Раёсати Иттифоқи адвокатҳоро даъват менамояд;
- иҷрои қарорҳои Раёсати Иттифоқи адвокатҳо ва қарорҳои Анҷумани адвокатҳоро таъмин менамояд.

22. Раис, муовини ӯ ва дигар аъзои Раёсати Иттифоқи адвокатҳо метавонанд дар Раёсати Иттифоқи адвокатҳо кор карда, ҳамзамон ба фаъолияти адвокатӣ машғул шаванд.

23. Комиссияи ревизионии Иттифоқи адвокатҳо барои амалӣ сохтани назорати фаъолияти молиявию хоҷагии Иттифоқи адвокатҳо ва мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо аз ҳисоби аъзои Иттифоқи адвокатҳо ба мӯҳлати ду сол интихоб карда мешавад. Дар бораи натиҷаҳои кори худ Комиссияи ревизионии Иттифоқи адвокатҳо дар назди Анҷумани адвокатҳо ҳисоботдиҳанда мебошад. Фаъолияти Комиссияи Ревизионии Иттифоқи адвокатҳоро Низомнома дар бораи комиссияи Ревизионии Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медарорад.

24. Барои амалӣ намудани назорат аз рӯи фаъолияти касбии адвокатҳо аз ҳисоби аъзои Иттифоқи адвокатҳо Комиссияи интизомии Иттифоқи адвокатҳо интихоб карда мешавад. Комиссияи интизомии Иттифоқи адвокатхо

фаъолияташро дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ, Оинномаи Иттифоқи адвокатҳо, Кодекси одоби касбии адвокатҳо ва Низомномаи Комиссияи интизомии Иттифоқи адвокатҳо амалӣ намуда, аз натиҷаи фаъолияти худ ба Анҷумани адвокатҳо ҳисобот медиҳад.

25. Комиссияи интизомӣ ваколатҳои зерин дорад:

- шикоятҳоро нисбати вайронкунӣ ва ғайриобъективнокӣ дар фаъолияти Комиссияҳои интизомии Иттифоқи минтақавии Иттифоқи адвокатҳо баррасӣ менамояд;
- қарори Комиссияҳои интизомии Иттифоқи минтақавии Иттифоқи адвокатҳоро дар эътибораш мегузорад, тағйир медиҳад ё бекор мекунад;
- ба мақомоти олии Иттифоқи адвокатҳо пешниҳод ворид менамояд, маводҳои таҷрибаи (амалияи) интизомиро ҷамъбаст мекунад, оид ба тағйир додани Кодекси одоби касбии адвокатҳо таклифҳо пешниҳод мекунад.

26. Тартиби ташкил, микдори аъзоён, мӯҳлати ваколат ва дигар масъалаҳои ташкили фаъолияти Комиссияи интизомии Иттифоқи адвокатҳо бо Низомнома дар бораи Комиссияи интизомии Иттифоқи адвокатҳо, ки аз ҷониби Анҷумани адвокатҳо тасдиқ мегардад, муайян карда мешавад.

27. Комиссияи интизомии мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо дар асоси Низомномаи мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо ташкил карда мешавад.

## 5. Молу мулки Иттифоқи адвокатҳо

28. Молу мулки Иттифоқи адвокатҳо аз ҳисоби аъзоҳаққӣ, маблағи дохилшавӣ (вступителный взнос) ба аъзогии Иттифоқи адвокатҳо ва пардохтҳои мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо, ки барои эҳтиёҷоти умумии Иттифоқи адвокатҳо ба ҷо меоранд, грантҳо, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидаанд ва дигар пардохтҳое, ки қонунгузории амалкунанда манъ накардааст, ташаккул меёбад.

29. Ба хароҷот барои эҳтиёҷоти умумии Иттифоқи адвокатҳо хароҷот барои ҳаққи хизмати адвокатҳо, ки дар мақомоти Иттифоқи адвокатҳо кор мекунанд, ҷуброни хароҷоти ин адвокатҳо, ки бо кор дар ин мақомот алоқаманд аст, хароҷоти музди меҳнати кормандони дастгоҳи Иттифоқи адвокатҳо, таъминоти моддии фаъолияти Иттифоқи адвокатҳо ва дигар хароҷоте, ки сметаи хароҷот барои таъмини фаъолияти Иттифоқи адвокатҳо пешбинӣ намудааст, дохил мешаванд.

30. Иттифоқи адвокатҳо, молу мулки манқул ва ғайри манқули худро тибқи таъитноташ ва маблағҳои пулии дар суратҳисобаш бударо, бевосита ихтиёрдорӣ менамояд.

## 6. Мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо

31. Мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо воҳиди сохтории Иттифоқи адвокатҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Хатлон, вилояти Суғд, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ буда, адвокатҳои дар як минтақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

фаъолияткунандаро муттаҳид мекунанд.

31. Мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо дорои номи худ мебошад, ки ишора ба шакли ташкилии он ва минтақаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки дар ҳудуди он вай таъсис ёфтааст, дар бар мегирад. Мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо бо мақсади таъмини ёрии баландихтисоси ҳуқуқӣ,

дастрасии он барои аҳолӣ дар ҳудуди дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкили ёрии ҳуқуқии ройгон ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагӣ ва ҳимояи манфиатҳои адвокатҳо дар мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликияташон, назорати тайёрии касбии адвокатҳо ва аз ҷониби онҳо риоя гардидани Кодекси одоби касбии адвокатҳо ташкил карда мешаванд.

32. Мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо аз ҷониби Анҷумани адвокатҳо таъсис дода мешаванд. Мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо воҳиди сохторӣ буда, тавозуни мустақил дорад, дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бонкҳо суратҳисоб ва дигар ҳисобҳо мекушояд, инчунин дорои мӯҳр, тамға ва бланк бо номи худ бо ишора ба шакли ташкилии он ва минтақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҳудуди он таъсис ёфтааст, мебошад. Мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо дар асоси қарори маҷлиси таъсисии адвокатҳо баъди тасдиқи он дар Анҷумани адвокатҳо бо тартиби муқаррарнамудаи Қонун ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд.

33. Мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо мавриди азнавташкилдиҳи қарор дода намешаванд. Дар ҳудуди ҳар як минтақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад танҳо як

Мақоми минтақавии Иттифоқи адвокатҳо ташкил карда шавад, ки он ҳуқуқ надорад воҳидҳои сохтории худро дар ҳудуди дигар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис диҳад.

34. Қарорҳои мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо, ки дар доираи ваколатҳои онҳо қабул карда шудаанд, барои ҳамаи адвокатҳои мақомоти дахлдори минтақавии Иттифоқи адвокатҳо ҳатмӣ мебошанд. Мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо ба Анҷумани адвокатҳо барои тасдиқ қарори маҷлиси муассисии мақомоти минтақавии Иттифоқро дар бораи ташкили Мақоми минтақавӣ пешниҳод менамояд.

35. Мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои вазифаҳои зерин мебошад:

- таъмини ёрии баландихтисоси ҳуқуқӣ, дастрасии он барои аҳолӣ дар ҳудуди дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ташкили ёрии ҳуқуқии ройгон ба шаҳрвандоне, ки дар минтақаи муқарраршудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагонӣ мекунанд;
- намояндагӣ ва ҳимояи манфиатҳои адвокатҳо дар мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликияташон;

- назорати тайёрии касбии адвокатҳо ва аз ҷониби онҳо риоя гардидани Кодекси одоби касбии адвокатҳо;
- бурдани шакли ҳисоботи ташкилии фаъолияти адвокатӣ дар марзи минтақа;
- ҳар сол як маротиба дар назди Раёсати Иттифоқи адвокатҳо оиди фаъолияташ ҳисобот медиҳад;
- барои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси адвокатҳо, ёрдамчиёни адвокат ва таҷрибаомӯзони минтақаи дахлдор мусоидат менамояд;
- таъминоти иттилоотии адвокатҳо, инчунин ташкили мубодилаи таҷрибаи касбии адвокатҳо байни онҳоро ба роҳ мемонад;
- фаъолияти ташкилотҳои адвокатиро дар минтақаи дахлдор ҳамоҳанг месозад;
- барои бо пешниҳоди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ё бо ташаббуси Иттифоқи адвокатҳо таъсис додани бюрои адвокатӣ дар маҳалҳо мусоидат менамояд;
- дигар ваколатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалӣ менамояд.

36. Мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо ваколатҳои зеринро ба амал мебарорад:

- ариза оиди соҳиб шудан ба мақоми адвокатро қабул менамояд;
- санҷиши саҳеҳию дурустии ҳуҷҷатҳо ва маълумоте, ки аз ҷониби довталаб пешниҳод шудааст мегузаронад;
- қарор оиди рад намудан аз қабул намудани ҳуҷҷатҳо қабул менамояд;
- ба Комиссияи тахассусӣ оиди иҷозат додани довталаб барои иштирок дар имтиҳони тахассуси пешниҳод ирсол менамояд;
- ба довталаб оиди ирсол намудани дархост ба Комиссияи тахассусӣ оиди иҷозат додан барои иштирок дар имтиҳони тахассусӣ ё ин ки рад кардан аз қабули ариза хабар медиҳад;
- ба Иттифоқи адвокатҳо оиди боздоштани мақоми адвокат пешниҳод ирсол менамояд;
- ба Иттифоқи адвокатҳо оиди қатъ кардани мақоми адвокат хулоса ирсол менамояд.
- оиди даъват намудани Анҷумани ғайринавбатии адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ташаббус нишон додан дорад;
- корро оиди иштироки адвокатҳои минтақа ба сифати ҳимоятгарон дар мурофиаи судии ҷиноятӣ аз рӯи қарори мақомоти таҳқиқ, мақомоти тафтишоти, прокурор, судя ё таъиноти суд ташкил менамояд.

37. Мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо дар асоси қарори Маҷлиси муассисии адвокатҳо, ки аз ҷониби Анҷумани адвокатҳо бо тартиби муқарраркардаи қонунгузорӣ тасдиқ карда шудааст, бояд дар мақомоти Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шавад. Барои бақайдгирии давлатии мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо ҳуҷҷатҳои зерин дода мешаванд:

- ариза, ки аъзоёни мақомоти роҳбарикунандаи мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо имзо кардаанд бо нишон додани насаб, ном, номи падари онҳо, маҳалли истиқомат ва тамос;
- иқтибос аз Протоколи Анҷумани адвокатҳо,
  ки маълумотро дар бораи ташкили мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо дорад;
- ҳуҷҷат дар бораи пардохти боҷи давлатӣ;
- ҳуҷҷат дар бораи суроғаи (маҳалли воқеъ гардидани) роҳбарияи доимоамалкунандаи мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо.
- МақомотиминтақавииИттифоқи адвокатҳомавриди азнавташкилдиҳӣ қарор гирифта наметавонад.

38. Маҷлиси умумии мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо, мақоми Олии он буда, дар фаъолияти худ ва ҳалли масъалаҳои дохили, вобаста ба маҳал худмухтор мебошад, агар он ба мақсадҳои асосии Иттифоқи адвокатҳо мухолифат надошта бошад. Маҷлиси умумии мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо на камтар аз як маротиба дар як сол даъват карда мешавад. Маҷлиси умумии адвокатҳо дар ҳолате ваколатдор ҳисобида мешавад, ки агар дар кори он на камтар аз се ду ҳиссаи аъзоёни мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо иштирок намоянд. Ба салоҳияти маҷлиси умумии адвокатҳо мансубанд:

- интихоби аъзоёни Шурои мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо, ба мӯҳлати 4 сол ва қабули қарор дар бораи пеш аз мӯҳлат қатъ кардани ваколатҳои аъзоёни Шӯро;
- интихоби раиси Шӯрои мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо ба мӯҳлати 4 сол, бо минбаъд аз ҷониби Раёсат тасдиқ гардидан;
- тасдиқи Низомномаи комиссияи интизомии Мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо;
- интихоби аъзоёни Комиссияи интизомии мақомати минтақавии Иттифоқи адвокатҳо ва раиси он;
- интихоби намояндагон ба Анҷумани адвокатҳо;
- тасдиқи дастури маҷлиси умумии адвокатҳои минтақа ва қабул

намудани қарор вобаста ба масъалаҳои баррасишаванда.

- қабули дигар қарорҳо тибқи Қонун ва Оинномаи Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

39. Шӯрои мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо мақомоти дастҷамъии иҷроияи мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо мебошад. Шӯро аз ҷониби маҷлиси умумии адвокатҳо ба миқдори на зиёда аз 7 нафар аз ҳайати аъзоёни мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо ба мӯҳлати чор сол интихоб карда мешавад. Шӯрои мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо:

- аз ҳайати худ муовини раиси Шӯрои мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳоро интихоб менамояд;
- дастрасии ёрии ҳуқуқӣ, аз он ҷумла ройгонро дар ҳолатҳои пешбиникардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд;
- тартиби расонидани ёрии ҳуқуқиро аз ҷониби адвокатҳое, ки ба сифати ҳимоятгарон дар мурофиаи судии ҷиноятӣ бо қарори (таъиноти) мақомоти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ, прокурор ё суд иштирок менамоянд ва дар дигар ҳолатҳои пешбиникардаи қонун муайян менамояд; ин тартибро ба маълумоти мақомоти зикргардида, инчунин адвокатҳо

  мерасонад ва иҷрои онро аз ҷониби адвокатҳо назорат мекунад;
- мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳоро дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дар дигар ташкилотҳо намояндагӣ мекунад;
- на камтар аз як маротиба дар як сол маҷлиси минтақавии иттифоқи адвокатҳоро даъват менамояд, рӯзномаи онро муайян менамояд;
- ба Комиссияи тахассусӣ оиди иҷозат додани довталаб барои иштирок дар имтиҳони тахассусӣ пешниҳод ирсол менамояд;
- ба довталаб оиди ирсол намудани дархост ба Комиссияи тахассусӣ оиди иҷозат додан барои иштирок дар имтиҳони тахассусӣ ё ин ки рад кардан аз қабули ариза хабар медиҳад;
- ба Иттифоқи адвокатҳо оиди боздоштани мақоми адвокат пешниҳод ирсол менамояд;
- ба Иттифоқи адвокатҳо оиди қатъ кардани мақоми адвокат хулоса ирсол менамояд;
- ҳисоботи ташкилотҳои адвокатиро дар минтақаи муайянкардашударо мебарад;
- макони мақомоти минтақавии Иттифоқро муайян месозад.

40. Дар ҳолати аз ҷониби Шӯрои мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо

иҷро накардани ё ба таври номатлуб ичро гардидани талаботҳои Қонун ва Оинномаи Иттифоқи адвокатҳо ваколатҳои Шӯро метавонад пеш аз мӯҳлат дар маҷлиси адвокатҳо қатъ карда шавад. Маҷлиси ғайринавбатии мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо аз ҷониби Шӯрои он бо талаби аз се як ҳиссаи аъзоёни мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо ё Раёсати Иттифоқи адвокатҳо даъват карда мешавад.

41. Маҷлисҳои Шӯро аз ҷониби раиси он аз рӯи зарурият, вале на камтар аз як маротиба дар ду моҳ даъват карда мешаванд. Дар ҳолати зарури маҷлиси Шӯро метавонад бо дархости шумораи зиёди аъзоёни Шӯрои мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо даъват карда шавад. Маҷлис дар он ваколатдор ҳисобида мешавад, ки агар дар он на камтар аз се ду ҳиссаи аъзоёни Шӯро ҳозир бошанд. Қарорҳои Шӯро бо овоздиҳии одии зиёди аъзоёни он, ки дар маҷлис иштирок кардаанд қабул карда мешаванд ва барои ҳамаи аъзоёни мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо ҳатмӣ мебошанд.

42. Раиси Шӯро дар як вақт Раиси мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо мебошад. Раиси Шӯро дорои ваколатҳои зерин мебошад:

- мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳоро дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ,ташкилотҳоичамъиятӣвадигарташкилотҳо, инчунин бо шахсони воқеӣ намояндагӣ мекунад;
- аз номи мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо амал мекунад;
- ваколатнома медиҳад;
- аз номи мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо аҳдҳо мебандад;
- ба кор қабул кардан ва аз кор озод намудани кормандони дастгоҳи мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳоро анҷом медиҳад;
- маҷлиси Шӯроро даъват менамояд;
- иҷрои қарорҳои Раёсати Иттифоқи адвокатҳо, Шӯрои минтақавии Иттифоқи адвокатҳо, қарорҳои маҷлиси адвокатҳоро таъмин менамояд;
- ариза оиди соҳиб шудан ба мақоми адвокатро кабул менамояд;
- санҷиши саҳеҳию дурустии ҳуҷҷатҳо ва маълумоте, ки аз ҷониби довталаб пешниҳод шудааст мегузаронад;
- молу мулки мақомоти минтақавии Иттифокро мувофиқи сметаи хароҷотҳои тасдиқ гардида мувофиқи таъин ихтиёрдорӣ мекунад;

43. Раиси Шӯро, муовини раиси Шӯро, инчунин дигар аъзоёни Шӯро метавонанд корашонро дар Шӯро якҷоя бо фаъолияти адвокатӣ анҷом диҳанд. Андозаи музди меҳнати роҳбарони мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳоро Анҷумани адвокатҳо дар доираи сметаи хароҷот барои таъмини

Иттифоқи адвокатҳо муайян менамояд.

44. Молу мулки Мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо аз ҳисоби маблағҳои умумии Иттифоқи адвокатҳо, грантҳо ва дигар пардохтҳо, ки бо тартиби муқаррарнамудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидаанд ташаккул меёбанд. Сметаи хароҷотҳоро барои Мақомоти минтақавии адвокатҳо Анҷумани Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

45. Комиссияи интизомии мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо аз ҳисоби аъзои мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳои минтақаи дахлдор барои амалӣ намудани назорат аз рӯи фаъолияти касбии адвокатҳо ташкил карда мешавад. Тартиби ташкил, микдори аъзоён, мӯҳлати ваколат ва дигар масъалаҳои ташкили фаъолияти Комиссияи интизомии мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо бо Низомнома дар бораи комиссияи интизомии мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо, ки аз ҷониби маҷлиси адвокатҳои минтақаи дахлдор тасдиқ мегардад, муайян карда мешавад. Оид ба натиҷаи фаъолияти худ Комиссияи интизомии мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо дар назди маҷлиси умумии адвокатҳои минтақаи дахлдор ҳисобот медиҳад. Нисбати қарори Комиссияи интизомии мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо ба Комиссияи интизомии Иттифоқи адвокатҳо шикоят овардан мумкин аст. Аъзоёни Комиссияи интизомии мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо метавонанд корашонро дар Комиссияи интизомӣ якҷоя бо фаъолияти адвокатӣ анҷом диҳанд.

## 7. Тартиби дохил шудан ба узвияти Иттифоқи адвокатҳо

46. Адвокат баъди супоридани имтиҳони тахассусӣ ва гирифтани иқтибос аз Феҳрасти ягонаи адвокатҳо ба Иттифоқи адвокатҳо бо ариза барои дохил шудан ба узвияти Иттифоқи адвокатҳо муроҷиат менамояд ва пас аз ёд намудани савганд дар назди Раёсати Иттифоқи адвоқатҳо ва гузоштани имзо зери матни савганд аъзои Иттифоқи адвокатҳо мегардад.

## 8. Ҳуқуқ ва ӯҳдадории аъзои Иттифоқи адвокатҳо

47. Аъзои Иттифоқи адвокатҳо ҳуқуқ дорад:

- ба мақомоти Иттифоқи адвокатҳо интихоб кунад ва интихоб шавад;
- дар назди мақомот ва шахсони мансабдори Иттифоқи адвокатҳо масъалаҳоеро гузорад, ки ба фаъолияти онҳо дахл дорад, барои беҳбудии кори он таклифҳо пешниҳод намояд ва дар муҳокимаи онҳо иштирок

кунад;

- дар ҳама мавридҳои рафтори ӯро муҳокима кардани мақомоти Иттифоқи адвокатҳо шахсан иштирок кунад;
- барои рафъи ихтилофоте, ки байни ӯ ва роҳбарияти Иттифоқи адвокатҳо ба амал омадаанд, ба суд муроҷиат кунад;
- оиди беасос аз узвияти Иттифоқи адвокатҳо хориҷ намудан ба суд муроҷиат намояд.
- аз Иттифоқи адвокатҳо барояд;
- аз ҳама гуна ёрии машваратӣ, ҳуқуқӣ ва методии Раёсати Иттифоқи адвокатҳо истифода барад.

48. Узви Иттифоки адвокатҳо ӯҳдадор аст:

- қонунгузории ҷориро дуруст ва собитқадамона риоя намуда, тамоми восита ва усулҳои дар қонун пешбинишударо барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ашхоси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба ӯ барои ёрии ҳуқуқӣ муроҷиат менамоянд, истифода барад.
- талаботи Оинномаи Иттифоқи адвокатҳоро риоя намояд;
- ҳар моҳ аъзоҳаққиро дар ҳаҷм ва тартиби муқаррарнамуда пардохт намояд;
- қарорҳои мақомоти Иттифоқи адвокатҳоро иҷро намояд.

49. Адвокат баъди супоридани имтиҳони тахассусӣ ва гирифтани иқтибос аз Феҳристи ягонаи адвокатҳо ба узвияти Иттифоқи адвокатҳо дохил шуда, дар назди Анҷумани адвокатҳо ё Раёсати Иттифоқи адвокатҳо савганди адвокатиро бо мазмуни зерин ёд мекунад: «Бо тантана савганд ёд мекунам, ки ӯҳдадориҳои адвокатиро содиқона, софдилона ва оқилона иҷро мекунам, ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии ваколатдиҳандаро тибқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва Кодекси одоби касбии адвокатҳо ҳимоя менамоям». Имзои савгандёдкунанда зери матни ҳамин савганд гирифта мешавад.

50. Дар вақти қабул ба узви Иттифоқи адвокатҳо аз тарафи шахсони довталаб ба суратҳисоби Иттифоқи адвокатҳо дар ҳаҷми муайяннамудаи Анҷумани Иттифоқи адвокатҳо маблағи дохилшавӣ месупорад. Аъзоҳақии узви Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири ҳар моҳ тавассути мақомоти минтақавӣ ба суратҳисоби Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида мешавад. Напардохтани аъзоҳақӣ дар муддати 3 моҳи пай дар пай, бе сабабҳои узрнок барои хориҷ намудан аз аъзогии Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон асос мегардад.

## 9. Ҳавасмандгардонии адвокатҳо

51. Барои намунавор иҷро намудани вазифаҳои худ, кори дарозмуддат ва бенуқсон, барои фаъолияти хуби ҷамъиятӣ, адвокатҳо бо қарори Иттифоқи адвокатҳо ё мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо ҳавасманд гардонида мешаванд. Чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва тартиби татбиқи онҳо бо Оинномаи мазкур ва дигар санадҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

52. Чораҳои ҳавасмандгардони аз инҳо иборатанд:

- эълон кардани ташаккурнома;
- мукофонидан бо Ифтихорнома;
- мукофонидан бо тӯҳфаҳои қимматнок;
- пешниҳод намудан барои сарфароз гардидан ба мукофотҳои давлатӣ.

Нисбати адвокатҳо дигар чораҳои ҳавасмандгардонӣ, ки дар санадҳои қонунгузории Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, татбиқ шуда метавонад.

53. Қарор дар бораи ҳавасмандгардонии адвокатҳо дар вазъияти тантананок эълон карда мешавад. Чораҳои ҳавасмандгардонӣ нисбати коромӯзон ва ёрдамчиёни адвокат низ татбиқ шуда метавонад.

## 10. Масъулияти интизомии аъзои Иттифоқи адвокатҳо

54. Барои вайрон кардани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ»,

ин Оиннома ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти адвокатураро танзим мекунанд, адвокатҳо ба ҷавобгарии интизомӣ кашида шуда метавонанд. Тартиби ба ҷавобгарии интизомӣ кашидан, мӯҳлат ва чораҳои муҷозоти интизомӣ бо Низомномаи комиссияи Интизомии Иттифоқи адвокатҳо ва бо Низомномаи комиссияи интизомии мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо ба танзим даровarда мешавад.

55. Чораҳои муҷозоти интизомиро ташкил менамоянд:

- сарзаниш;
- танбеҳ;
- хориҷ кардан аз аъзогии Иттифоқи адвокатҳо.

56. Чораҳои муҷозоти интизомӣ нисбати ёрдамчӣ ва коромӯз адвокат низ татбиқ карда мешавад.

## 11. Тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба оинномаи иттифоқи адвокатҳо

57. Тағйирот ва иловаҳо ба Оинномаи Иттифоқи адвокатҳо аз ҷониби Анҷумани Иттифоқи адвокатҳо тасдиқ карда шуда, бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ ба қайд гирифта мешавад.